5.6.5 [07.00.09] ТАЪРИХНИГОРӢ, МАЪХАЗШИНОСӢ ВА РАВИШИ ТАДҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ
5.6.5 [07.00.09]ИСТОРИОГРАФИЯ, ИСТОЧНИКОВЕДЕНИЕ МЕТОДЫ ИСТОРИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ
5.6.5 [07.00.09]HISTORIOGRAPHY, SOURCE STUDIES AND METHODS OF HISTORICAL RESEARCH

***ТДУ 63.3***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-2-41-47***

## САҲМИ ОСОРХОНАИ КИШВАРШИН ОСИИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ ДАР ОМӮЗИШИ МАДАНИЯТИ МОДДИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

***Усмонзода Аюб Ислом,*** *д.и.т., профессор, ректори МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров";* ***Хайруллозода Кароматулло****, муаллими кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## РОЛЬ КРАЕВЕДЧЕСКОГО МУЗЕЯ СЕВЕРНОГО ТАДЖИКИСТАНА В ИЗУЧЕНИИ МАТЕРИАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

***Усмонзода Аюб Ислом,*** *д.и.н., профессор, ректор ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова";* ***Хайруллозода Каромутулло****, преподаватель кафедры методики преподавания истории и права ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

## CONTRIBUTION OF LOCAL HISTORY MUSEUM OF NORTHERN TAJIKISTAN INTO THE STUDY OF MATERIAL CULTURE OF TAJIK PEOPLE

***Usmonzoda Ayub Islom,*** *doctor of historical sciences, professor, Rector of SEI "KSU named after acad.B. Gafurov",****E-mail:*** *aubislomzoda @mail.com;*
***Khayrullozoda Karomatullo****, Lecturer of the department of menhods of teaching history and law, SEI "KSU named after acad.B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *khayrullozoda karomatullo.93@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Тоҷикистони шимолӣ, фаъолияти осорхона, маданияти моддӣ, ҳафриёти бостоншиносӣ, ҳифзи ёдгориҳо, мероси таърихию фарҳангӣ*

*Дар мақола фаъолияти илмии аввалин осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистон (ш.Хуҷанд), дар самти омӯзиш, ҳифз ва тарғиби маданияти моддии халқи тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таъкид мегардад, ки Осорхонаи навтаъсис аз огози фаъолияти хешро сарфи ҷустуҷӯ, таҳқиқу омӯзиш, ҳифз ва дастраси аҳли илм ва мардум гардонидани осори пурарзиши таърих, фарҳанг ва тамаддуни бостонии ниёгони мо, бахусус Тоҷикистони Шимолӣ, сафарбар намудааст. Дар солҳои 1932-1937 аз ҷониби кормандони Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ чанде аз ёдгориҳои археологӣ ҳафр шуда, маводи зиёд доир ба таърихи маданияти моддии тоҷикон ба даст омада буд. Натиҷаи фаъолияти археологии осорхона, мавод ва маълумоти ҳафриётӣ барои бостоншиносии солҳои минбаъда пойдевори мустаҳкам гардид.*

***Ключевые слова:*** *Северный Таджикистан, деятельность музея, материальная культура, археологические раскопки, охрана памятников, историко-культурное наследие*

*В статье анализируется научная деятельность первого краеведческого музея Таджикистана (в г. Худжанде) в области охраны и пропаганды историко-культурного наследия таджикского народа. Отмечается, что вновь образованный музей с самого начала свою деятельность посвятил поиску, исследованию, изучению и сохранению ценного наследия, истории и культуры наших предков, особенно северного Таджикистана. Отмечается, что в 1932-1937 гг. сотрудниками музея северного Таджикистана были раскопаны археологические памятники и получено большое количество материала по истории материальной культуры таджиков. Результаты археологической деятельности музея и полученные материалы раскопок стали надежной базой для археологии последующих лет.*

***Key words****: Northern Tajikistan, museum activities, material culture, archaeological excavations, protection of monuments, historical and cultural heritage*

*The article analyzes the scientific activities of the first local history museum of Tajikistan (in Khujand) in the field of protection and promotion of the historical and cultural heritage of the Tajik people. It is noted that the newly formed museum from the very beginning devoted his activities to the search,*

*research, study and preservation of the valuable heritage, history and culture of our ancestors, especially Northern Tajikistan. It is noted that in 1932-1937 the employees of the Museum of Northern Tajikistan excavated archaeological sites and obtained a large amount of material on the history of the material culture of the Tajiks. The results of the archaeological activity of the museum and the materials obtained from the excavations became a reliable fund for the archeology of subsequent years.*

Дар ибтидои омӯзиши археологии ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон Осорхонаи кишваршиносии Шимоли Тоҷикистон нақши калон дорад. Ин осорхонаи аввалини Тоҷикистон буда(с. 1931), тӯли солҳои 30-40 -уми асри XX ягона маркази илмии омӯзиши таърих дар қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ боқӣ монд. Бостоншиноси маъруфи Тоҷикистон Б.А.Литвинский, муҳаққиқи таърихи бостоншиносии Тоҷикистон, қайд мекунад, ки дар миёнаи солҳои 30-ум танҳо ин осорхона корҳои археологиро анҷом додааст[11,с.20].

Таърихи таъсиси осорхона аз миёнаи солҳои 20-уми асри XX оғоз ёфта, бо фаъолияти кишваршиносони маҳаллии Хуҷанд алоқаманд аст. Бо ташаббуси як кишваршинос ва ҷамъоварандаи бостониҳо Мирзохоҷа ибни Собирхоҷа (Мирсобиров), ки бо тахаллуси Хоҷӣ-атиқа байни мардум маъруф буд, соли 1926 дар Хуҷанд намоишгоҳи коллексияи ҷиҳози қадимаи ӯ ташкил карда шуд. Бо назардошти шӯҳрати афзояндаи намоишгоҳ, Кумитаи иҷроияи округи Хуҷанд барои ҷойгир кардани коллексияҳои қадимаи Хоҷӣ-атиқа бинои хурде, ки «... ҳамчун хонаи-музейи округи Хуҷанд маъруф буд» [13,С. 42-49; 14,с.320-326] ҷудо кард. Ин осорхона дар Хуҷанд барои бунёди Осорхонаи кишваршиносии Шимолии Тоҷикистон, ки расман санаи 22 июни соли 1931 ифтитоҳи он баргузор шуд, асос гузошт [20,с.20]. Барои ҷойгир кардани экспонат(нигора)-ҳо ду галереяи масҷиди ҷомеи Шайх Маслиҳатдин ҷудо карда шуд. Омири аввалини Осорхонаи Хуҷанд Александр Васильевич Уэлс таъин шуд, ки қаблан корманди Осорхонаи Чеченистон ва приват-дотсенти (омӯзгори ғайриштатӣ) Донишкадаи Кӯҳӣ (дар ш.Грозний) буд [19,с.46]. Рӯзи кушодашавии Осорхонаи Хуҷанд (22.06.1931 сол) ва оғози фаъолияти онро метавон нуктаи ибтидоӣ ва оғози тадқиқоти археологии Тоҷикистони шимолӣ ҳисобид.

Мусаллам аст, осорхонаи таърихию кишваршиносӣ як муассисаи фарҳангӣ ва маърифатӣ буда, вазифаҳои он на фақат ҷамъоварӣ ва намоиш (экспозитсия)-и боигариҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, балки тадқиқоти археологию ҷустуҷӯӣ ва ҳафриёти бостоншиносӣ, коркарди камералии маводи бадастомада, нашри натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносӣ низ мебошад. Ҳамин тариқ, дар қаламрави Тоҷикистони шимолӣ як муассисаи илмӣ пайдо шуд, ки ҳуқуқи ҷустуҷӯ, муайян кардан, бақайдгирӣ ва омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангиро дошт.

Дар Қарори Президиуми Шӯрои шаҳри Хуҷанд аз моҳи июли соли 1932 «Дар бораи вусъат додани кори кишваршиносӣ-осорхонавӣ дар минтақаи Хуҷанд» [2,с. 127-129] дар баробари табдил додани Осорхонаи Хуҷанд ба Осорхонаи байниноҳиявии Тоҷикистони Шимолӣ, тасмим гирифта шуд, ки Кумитаи минтақавии ҳифзи ёдгориҳои санъат, бостонӣ ва табиат (Хуҷкомстарис) дар назди бахши маорифи халқ ташкил карда шуда, қалъаи Хуҷанд, мақбараи Дувахон, масҷид ва оромгоҳи Ҳазрати Бобо, масҷид ва оромгоҳи Шайх Муслиҳиддин ба он интиқол дода шавад. Ҳамин тариқ, шуъбаи мазкур ба тартиб додани рӯйхатҳои ҷойҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ дар шимоли Тоҷикистон ва муҳофизати он шурӯъ кард. Директори Осорхонаи байниноҳиявии Тоҷикистони Шимолӣ А.В.Уэлс, мутахассиси дорои таҷриба дар ин соҳа, ваколатдор оид ба ҳифзи ёдгориҳо дар шимоли Тоҷикистон таъин гардид. Ҳамзамон, ба ӯ супориш дода шуд, ки «соли ҷорӣ ба қайдгирии мураттаби ҳамаи ёдгориҳои тахти ҳимоят қарор доштаро оғоз намояд» [4,с.120]. Санаи 15 декабри соли 1932 бошад Коллегияи Комиссариати Маорифи Халқи ҶШС Тоҷикистон дастурамали ваколатдори Ҳифзи ёдгориҳо ва санъати Тоҷикистонро тасдиқ кард [4, 10].

Ҳамин тариқ, ягона мутахассис, таърихнигор ва бостоншинос дар Хуҷанди он замон - А.В. Уэлс ваколати дар Тоҷикистони Шимолӣ гузаронидани таҳқиқот, сабт ва ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангиро ба даст овард. Бо вуҷуди мушкилоти молиявӣ ва нарасидани кадрҳо, музей ба кофтукови бостоншиносӣ шурӯъ кард. Ҳамин тариқ, аллакай тирамоҳи соли 1931 «кормандони музей дар якҷояги бо кормандони Осорхонаи таърих ва таърихи инқилоби Осиёи Миёна» дар наздикии Хуҷанд ҳафриёт анҷом доданд, ки «маводи онҳо боиси каме афзун шудани фонди осорхонаи навбунёд боис гардид» [18,с.65].

Мутаассифона, маводи ҳафриёт нашр нашуд. Тибқи гузориши кори музей, тирамоҳи соли 1931 таҳти роҳбарии А.А.Потапов дар шаҳри Хуҷанд ҳафриёти қӯраи қадимаи маъдангудозӣ гузаронида шуд. Дар ҳуҷҷат қайд карда мешавад, ки сардори ҳафриёт дар бораи корҳои

анҷомдодашуда ҳисобот пешниҳод накард ва аз Осиёи Миёнаро тарк кард [1,с.63,90]. Аммо, бостоншиносон В.Д.Жуков ва Т.Милтязов, ки таҳти роҳбарии А.А.Потапов кор мекарданд, барои навиштани ҳисобот дар бораи ҳафриётҳои гузаронидашуда розӣ шуданд. Ғайр аз ин, дар ин ҳуҷҷат дар бораи ризоияти Т.Милтязев «барои иштирок дар ҳафриёти қӯраҳои қадимаи маъдангудозӣ дар водии Уткем-Су (Қарамазор), ки осорхона дар семоҳаи сеюм (1933 - К.Х.) ба нақша гирифтааст» [4,с.57] гуфта шудааст. Ҳамин тариқ, оғози ҳафриётҳои бостоншиносӣ дар шаҳри Хуҷанд ва атрофи он, бо кӯмаки бостоншиносони даъватшуда бошад ҳам, ба тирамоҳи соли 1931 рост меояд.

Баҳори соли 1933 Шӯрои илмии Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ ташкил ва тасдиқ карда шуд, ки дар қатори бисёр масъалаҳои дигар нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотиро муҳокима ва тасдиқ кард. Мувофиқи нақша корҳои зерин бояд ба анҷом мерасид: 1. Тафтишоти бостоншиносӣ дар ноҳияҳои Ўроттеппа (Истаравшан) ва Шаҳристон (иҷрокунанда М.Е.Массон); 2. Тадқиқоти мақбараи Хоҷа Муҳаммад Башшоро дар деҳаи Мазори Шарифи ноҳияи Панҷакент, ки ба асри XIV таалуқ дорад (иҷрокунанда А.В. Уэлс); 3. Кофтуковҳои ёдгориҳои Уткемсу дар наздикии Табошар (иҷрокунанда Т. Милтязов) [20,с.40-41].

Соли 1934, бино ба гуфти А.В.Уэлс, «оғози бақайдгирии илмии ёдгориҳои бостоншиносии шаҳри Ленинобод (Хуҷанди муосир - К.Х.) (деворҳои қалъа, мазори Тубохан ва ғ.) оғоз шуд, нақшаи инструменталӣ он (шаҳр - К.Х.) тартиб дода шуд; навиштаҷоти қадимӣ ( асрҳои VIII - XII ) дар кӯҳҳои Муғул ба қайд гирифта шудаанд; тадқиқоти теппаи Оқтеппа дар ноҳияи Пролетар гузаронида шуд, ки он харобаҳои қалъаи қадимаи суғдӣ будааст ...» [21]. Кормандони осорхона дар омӯзиши ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ бо муҳаққиқон - А.Е.Маҷи, М.Е.Массон ва дигарон фаъолона ҳамкорӣ доштанд. Муаллими Донишкадаи омӯзгорӣ ва аз соли 1934 Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистон дар Хуҷанд (аз 1936 - Ленинобод) А. Е.Маҷи дар омӯзиши ёдгориҳои санҷиш қарор гирифтанд [14,с.322]. Дар қатори бозёфтҳои дигари соли таърихии шаҳри Хуҷанд ва Тоҷикистони шимолӣ саҳми худро гузоштааст [7,с.94]. Ҳамин тавр, ӯ дар соли 1933 қайдгирии петроглиф ва теппаҳо дар наздикии Хуҷанд оғоз кард. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот дар кӯҳҳои Муғул, ӯ мақолаи ҷолибе - «Навиштаҳо ва тасвирҳои қадимӣ дар наздикии Хуҷанд»-ро таҳия кардааст, ки дар он навиштаҷоти петроглифҳои ёфтаро тасвир карда, санаи онро нишон додааст. Мутаассифона, ин мақола танҳо дар соли 1957 нашр шудааст [12,с.79-86]. А.Е.Маҷи инчунин катибаҳои Ворухро омӯхтааст. Муҳақиқи дигари ёдгориҳои Тоҷикистони Шимолӣ, ки бо осорхона ҳамкорӣ дошт, бостоншинос М.Е.Массон буд. Соли 1934 М.Е.Массон ба гурӯҳи махсуси 29-уми Экспедитсияи тоҷикӣ-помирӣ (ЭТП) сарварӣ кард. Кормандони гурӯҳ корҳои тадқиқотии шохаҳои кӯҳи Қурама гузаронданд [16,с. 15]. Якҷоя бо гурӯҳ кормандони Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ ёдгориҳои таърихӣ ва ҷойҳои истихроҷи маъдани Илокро омӯхтанд. Аз ҷумлаи объектҳои омӯзиши осорхона конҳои қадимӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва иншооти дафнии қаторкӯҳи Қурама дар мавзеъҳои Олтинтопкан, Оқтош ва Тузконсой буданд. Дар ҷараёни кор нақшаҳои инструменталии баъзе ёдгориҳо сабт карда шуда, конҳои маъдани қадим, қурумҳо ва муғхонаҳо мавриди 1934, М.Е.Массон навиштаҷоти дар дараи Туябоғузсой ёфташударо қайд кард, ки дар болои санг дар наздикии роҳи асримиёнӣ кандакорӣ шудааст. Қайд карда мешавад, ки навиштаҷот ба забони тоҷикӣ аст:

«Мадади Худо ғалаба наздик аст.

Муҳаммад, писари Аҳмад Гозӣ аз Шаҳристон.

Дар соли панҷсаду ҳаштоду ҳафтум (1191)

Навишта шудааст» [15,с.73].

Соли 1934, директори осорхонаи Хуҷанд А.В. Уэлс ва таърихшинос А.Е. Маҷи дар Оқтеппа, дар ҳудуди ноҳияи Спитамени муосир кофтуков гузарониданд. Бо вуҷуди миқдори ками ҳафриёт дар ин ҷо, бостоншиносон натиҷаҳои назаррас ба даст оварданд: даромадгоҳи равоқдор ба ҳуҷраи калоне кашф карда шуд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот ва тафтишот натиҷаҳои кори бостоншиносӣ барои нашр омода карда шуд. Мутаассифона, маводи асар нашр нашуда монданд. Ин мақолаҳо то ҳол дар бойгонии осорхона қарор доранд. Ду мақола, оид ба мушкилоти омӯзиши таърихи кони истихроҷи маъдан дар Илоқ: мақолаи аввалин «Истихроҷи маъдани Илоқ. Аз таърихи саноати кӯҳкории қадимаи Қарамазор», дар ҳаҷми 1,5 ҷ.ч. аз

ҷониби профессор Б.Н.Наследов навиштааст; дуюм - мақолаи А.Н.Тереножкин “Тангаҳои мусалмонии Шош, Илоқ ва Хуҷанд» ном дошт [14,с.321].

Оғози омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Исфара ба ҳамон давра рост меояд. Дар ин ҷо солҳои 1933-34 кормандони гурӯҳи бостоншиносии Фарғонаи Эрмитажи давлатӣ кор мекарданд, ки онро бостоншиноси маъруф Б.А.Латинин роҳбарӣ мекард. Дар ин гурӯҳ Татяна Григоревна Оболдуева (1908-1995), хатмкардаи ДДОМ, корманди Эрмитажи Давлатӣ (дар ш. Ленинград/Санкт-Петербург) ширкат варзид. Кормандони даста шумораи зиёди ёдгориҳо (қабрҳо, маҳалҳои аҳолинишин, қалъа ва ғайра)-ро ба қайд гирифтанд. Бостоншиносон бо истифода аз усулҳои муосир, бори аввал кофтуков гузарониданд. Дар маҳалли Хазинахона, ду дафнгоҳи осебнадида ва ду дафнгоҳи харобшуда таҳқиқ гардид. Яке дафнҳо дар хум сурат гирифта буд. Дар масофаи дуртар аз дафнгоҳи якуми қабрисони №2 хуми устухондон (оссуарий) ёфт шуд. Дар қабри №3 теппа карда шуда буд. Дар натиҷаи омӯзиши мавод, дафнгоҳ дар қабристони №3 ба асри 1 то мелод мансуб диниста шудааст, дафнҳои хумӣ бошад ба асрҳои VII-VIII тааллуқ доштанд.

Муҳаққиқон қайд карданд, ки корҳои Б.А.Латинин, «гарчанде онҳо хусусияти таҳқиқотӣ дошта бошанд ҳам, ҳам аз ҷиҳати бенуқсонии методика, ҳам аз ҷиҳати масъалагузорӣ - вазифаҳое, ки дар ин маҷмӯи экспедитсияи назди худ гузошта буданд, сазовори арзёбии баланд буд. Ин «кӯшиши эҷоди харитаи рушди таърихии яке аз минтақаҳои ҷумҳурӣ» дар маҷмӯъ, ҳамаҷониба – бо омӯзиши шабакаҳои обёрӣ ва қабрҳо, қалъаву димнаҳо ва ғайра – мутаассифона, мувофиқи нақша қадами аввалини омӯзиши бостоншиносии Тоҷикистон нагардид: кор қатъ шуд ва танҳо пас аз бист сол идома ёфт [6,с.321]. Умуман, ҷустуҷӯ ва кофтукови бостоншиносони Эрмитаж маводҳои дорои аҳамияти хеле муҳими таърихиро ба бор оварданд, ки бинобар боздошт ва маҳкум кардани Б.А.Латинин, онҳоро нашр кардан ғайриимкон буд. Танҳо як қисми онҳо, алахусус маълумот дар бораи қабри №3-и дар водии дарёи Исфара аз ҷониби Б.А.Латинин кофта шуда, баъд аз 15 сол (соли 1948) аз тарафи С.С.Сорокин нашр шудааст, ки дар мақолаи худ ба онҳо аҳамияти таърихӣ ва бостоншиносӣ додааст [17,с.45-54]. Баъдтар, натиҷаҳои ҳафриёти ёдгориҳои бостоншиносӣ ба шакли мақолаи алоҳида интишор гардиданд [10,с.17-27] ва ба асарҳои умумӣ дохил карда шудааст [9,с.109-170].

Директори Осорхонаи кишваршиносии Шимоли Тоҷикистон, ваколатдор оид ба ҳифзи ёдгориҳои қаламрави Шимоли Тоҷикистон, А.В. Уэлс ба Исфара ташриф оварда, бо натиҷаҳои кори бостоншиносон дар водии дарёи Исфара шинос шуда, аз ҷумла ёдгориҳои кофтаро ба рӯйхати ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии Шимоли Тоҷикистон ворид намуд. Дар баробари ин, ӯ корманди ЭД Т. Г. Облодуеваро барои кор ба шаҳри Хуҷанд даъват намуд. Ризоияти бостоншиноси касбӣ муҳаққиқи илмии осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ шудан ва дар саросари вилоят гузаронидани тадқиқоти археологӣ барои А.В.Уэлс муваффақияти калон гардид. Дар давраи кораш дар Хуҷанд (солҳои 1935-1937) Т.Г.Оболдуева дар ҳудуди ноҳияҳои Нов, Пролетар, Исфара, Хуҷанд ва атрофи он (Кӯҳи Муғул) тадқиқот гузаронида, бо ин дар омӯзиши ёдгориҳо ва ҷамъоварии мавод барои харитаҳои бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ саҳми назаррас гузоштааст. Кори тадқиқотии осорхона дар қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ соли 1935 низ идома ёфтанд. Корҳои бостоншиносӣ дар Хуҷанд, атрофи он, кӯҳҳои Қурама ва водии Исфара гузаронида шуданд. Маводи бадастомада ба харитаи бостоншиносии ояндаи Тоҷикистон саҳми бузург гардид. Дар Хуҷанд аксбардории ёдгориҳои бостонӣ гузаронида шуда, қисматҳои алоҳидаи деворҳои шаҳр аз рӯи нақша гирифта шуданд ва 5 буриши ин деворҳо омода шуданд. Бояд қайд кард, ки яке аз қитъаҳои бари девори шаҳр, қисмати ғарбии назди дарёи Сир аз ҷониби А.В. Уэлс моҳи июли соли 1934 пешакӣ чен карда шуда буд. Соли 1935 бошад буришҳои деворҳо ва манораҳо аз ҷониби коллектори осорхона Ю.Назаренко сохта шудаанд. Вай инчунин нақшаи схемавии минтақаи қалъаи асримиёнагии Ғулакандоз, нақшаи худи қалъа ва буришҳои онро кашид [14,с.320-321]. Бо саъйи кормандони Осорхонаи кишваршиносии Шимоли Тоҷикистон сабти инструменталии ёдгории Оқтеппа, ки аллакай аз соли 1934 омӯхта шуда буд ва боз як теппаи калон дар назди истгоҳи Драгомирово гузаронида шуда, нақшаҳои ду қимс ва панҷ буриши деворҳои қалъа дар Ленинобод (Хуҷанд) сабт карда шуданд [4,с.565,36,с.21].

Бостоншинос Т.Г. Оболдуева, ки барои кор дар Осорхонаи кишваршиносии Шимоли Тоҷикистон ба Хуҷанд даъват шуда буд, дар омӯзиши ҷойҳои бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ фаъолона ширкат намуд. Соли 1936 вай дар Оқтеппа ҳафриёт анҷом дод. Ҳафриётҳо маводи ҷолиб оварданд. Т.Г.Оболдуева қайд кард, ки ин ёдгорӣ чун «манзилгоҳи заминдор-

феодали калон хидмат кардааст» [5,с. 8]. Натиҷаҳои корҳо ба сифати мавод ба мақолаи Т.Г.Оболдуева «Ковишҳои омӯзишии қалъаи қадимаи суғдӣ дар деҳаи Оқтеппаи ноҳияи Нов» (дар ҳаҷми 0,7 ҷ.ч.) дохил шуданд. Мутаассифона, ин мақолаи Т.Г.Оболдуева нашр нашуд [5,с.8]. Вай инчунин нишебиҳои кӯҳи Муғулро дар наздикии Хуҷанд таҳқиқ кард. Натиҷаи корҳои тафтишотӣ дар мақолаи «Навиштаҳои қадима дар харсангҳои кӯҳҳои Муғул» (дар ҳаҷми 0,5 ҷ.ч.), барои чоп дар «Ахбороти» Осорхонаи кишваршиносии Шимоли Тоҷикистон тавсия шуд [14, 329-321].

Тибқи нақшаи Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ дар мавсими саҳроии соли 1936 корҳои ҳафриётӣ дар як қатор мавзеи бостоншиносӣ ба нақша гирифта шуда буданд. Ҳамин тариқ, ҳафриёти теппаҳо дар кӯҳҳои Муғултоу, ҳафриёт дар Оқтеппа, тадқиқоти бостоншиносӣ ва ҳафриёти Қалъаи Боло дар ноҳияи Исфара, омӯзиши бостоншиносии харобаҳои Муғиён ва идомаи ҷамъоварии ривоятҳо дар бораи шаҳри Ленинобод-Хуҷанд пешбинӣ шуда буд. Дар минтақаи Қурама конҳои қадимӣ дар наздикии Олтинтопкан объекти таҳқиқот буданд. Дар ин ҷо нишонаҳои фаъолияти азими истихроҷи маъдан ёфт шуданд. На танҳо конҳо ва ҷойҳои коркард, балки се нуқтаи истихроҷи маъдан низ омӯхта шуд, ки барои таҳқиқи коркарди кӯҳии ин минтақа, алалхусус давраҳои авҷи инкишофи истихроҷи маъдан дар асрҳои IX-X миқдори зиёди маводи мухталифро фароҳам овард. Нақшаҳои инструменталии баъзе мавзеъҳои бостоншиносӣ сабт карда шуданд. Натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар «Ҳисобот дар бораи тадқиқоти бостоншиносии Олтинтопкан», ки дар бойгонии Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ нигоҳ дошта мешаванд, пешниҳод карда шуданд [5,с.10]. Т.Г.Оболдуева нишебиву дараи кӯҳи Муғулро аз назар гузаронд. Дар ин ҷо катибаҳо дар харсангҳо, расмҳои дар рӯи санг (петроглифҳо) ва иншооти дафнӣ (теппаҳо, қурумҳо ва муғхонаҳо)-и бодиянишиноне, ки дар ин кӯҳҳо дар замонҳои қадим ва аввали асрҳои миёна зиндагӣ мекарданд, қайд карда шуданд. Навиштаҳои асримиёнагии рӯи харсангҳо боиси таваҷҷӯҳи хоса гардиданд (Оболдуева Т.Г. «Навиштаҳои қадимӣ дар харсангҳои Муғултоу», 0,5 ҷ.ч; Маҷи А.Е. «Навиштаҳои қадима дар кӯҳҳои Муғултоу», 0.3 ҷ.ч.) [14,с.320-321].

Соли 1936, Т.Г.Оболдуева бо иштироки панҷ нафар донишҷӯи таҷрибаомӯзони ДДОМ омӯзиши ёдгориҳои ноҳияи Исфараро, ки қаблан ҳамроҳ бо Б.А.Латинин оғоз карда буд, идома дод. Дар давоми кори гурӯҳ тафтишоти водии Исфара гузаронида шуда, қабрҳои теппадори наздикии деҳаи Навгилем, қалъаи Пишомак дар наздикии деҳаи Сурх, қалъаи Криск дар 4 км шимолу шарқи Исфара, боқимондаҳои қалъа дар наздикии деҳаи Хонобод, теппаҳо дар деҳаи Ворух ва дар наздикии онҳо бошад расмҳои рӯи санг таҳқиқ гардид [3,с.28]. Дар Исфара, Т.Г.Оболдуева тадқиқоти бостоншиносии Қалъаи Болоро анҷом дод. Дар натиҷаи омӯхтани сохтор, нақша ва қабатҳои фарҳангӣ маълум шуд, ки дар он ҷо қалъаи асримиёнагии ибтидоӣ ҷойгир аст. Дар ин бора бостоншинос Т.Г.Оболдуева дар мақолаи худ «Қасри бостонии Қалъаи Боло дар ноҳияи Исфара» қайд кардааст. Илова бар ин, Т.Г. Оболдуева дар яке аз қабрҳои Исфара ду нишебии дафнгоҳро, ки кайҳо Б.А.Латинин ташхис карда буд, кушод (мувофиқи рақамгузории Б.А. Латинин ин қабри №3 аст). Қӯрғонҳо тоқҳои пинҳонӣ доштанд ва дар қӯрғони №2 тоқ аз теппаҳо бо сангҳои калон ҷудо карда шуд. Б.А.Литвинский, ки натиҷаҳои таҳқиқоти Т.Г.Оболдуеваро дар Исфара омӯхтааст, қайд мекунад, ки Оболдуева дар асоси маводи ба даст оварда (сафол, калобаи оҳанин, корди оҳанин ва ғайра) ин қӯрғонҳоро ба асрҳои II-III мелодӣ мансуб медонад [11,с.20].

Тобистони соли 1937 дар кӯҳҳои Муғул теппаҳо (қӯрғонҳо) ва муғхонаҳо таҳқиқ карда шуданд. Бостоншинос А.А.Потапов ба кор роҳбарӣ мекард, ки қаблан «розигии худро барои ба корҳои археологӣ бахшидани тамоми тобистони соли 1937 бо дастури осорхона» дода буд [5,с.16]. Мутаассифона, мақолаи А.А.Потапов «Ковиши теппаҳо дар кӯҳҳои Муғул» (2 ҷ.ч.) чоп нашуда, ҳоло дар бойгонии Осорхонаи таърихии вилояти Суғд (ОТВС) дар Хуҷанд нигоҳ дошта мешавад [11, 19-20].

Ҳамин тариқ, дар даҳсолаи якуми мавҷудияти ҶШС Тоҷикистон қисми бештари минтақаҳои шимолии ҷумҳурӣ мавриди омӯзиши бостоншиносӣ қарор гирифтанд. Кормандони осорхонаи маҳаллӣ (А.В. Уэлс, Т.Г. Оболдуева) ва мутахассисоне, ки аз дигар марказҳо даъват шудаанд (М.Е. Массон, А.А. Потапов, Б.А. Латинин, А. Е. Маҷи ва ғ.) дар ҷараёни корҳои тафтишотӣ ҷойҳои коркарди маъдани қадима ва конҳо, навиштаҷот ва расмҳои рӯи санг (петроглифҳо), боқимондаҳои маҳалҳои аҳолинишин ва димнаҳоро сабт карданд. Дар

ёдгориҳои ҷудогона – кӯрғонҳо (қабристонҳо)-и Исфара, муғхонаи қаторкӯҳҳои Муғул ва Қурама, димнаи Оқтеппа, дар Хуҷанд корҳои ҳафриётӣ (дар ҳаҷми хурд) гузаронида шуданд, ки дар бораи таърихи фарҳанги моддии мардуми тоҷик маводи муҳим пешниҳод карданд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки дар таърихи бостоншиносии тоҷик осорхонаи таърихии вилояти Суғд нақши хеле муҳим бозидааст. Дар солҳои 1932-1937 корҳои асосӣ оид ба таҳқиқоти бостоншиносӣ аз ҷониби кормандони Осорхонаи кишваршиносии Тоҷикистони Шимолӣ (Уэлс, Оболдуева) амалӣ гардида буд. Натиҷаи фаъолияти археологии осорхона, мавод ва маълумоти ҳафриётии ба даст омада, барои бостоншиносии солҳои минбаъда пойдевори мустаҳкам шуд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1.Археологические экспедиции. – М., 1962. – 320 с.
2.Бойгонии давлатии вилояти Суғд, ф.82, р.1, в.н.3, вв.127-129.
3.БМД ҶТ, ф.360, р.2, п.64, в.28.
4.БМД ҶТ, ф.360, р.1, п.261, в.120.
5.Бойгонии Осорхонаи таърихии вилояти Суғд. Арх.№8. Гузоришҳои с. 1936.
6.Давидович, Е.А. Археологический очерк Исфаринского района /Е.А.Давидович, Б.А.Литвинский //Тр. АН Тадж.ССР. ИИАЭ. Т.35. – Сталинабад, 1955. - 231 с.
7.Дубовицкий, В.В. Андрей Евлампиевич Маджи. Полвека научных исследований в Центральной Азии/ В.В.Дубовицкий. – Душанбе, 2018. – 216 с.
8.Латынин, Б.А. Вопросы хронологии земледельческих культур древней Ферганы/ Б.А.Латынин// Исследования по археологии СССР. - Л., 1961. - С. 111-119.
9. Латынин, Б.А. Некоторые итоги работ Ферганской экспедиции 1934 г./Б.А.Латынин// Археологический сборник. - 1961. - № 3. - С. 109-170.
10.Латынин, Б.А.Исфаринские курганы: (К вопросу о системе хозяйства древней Ферганы)/ Б.А.Латынин, Т.Г.Оболдуева// КСИИМК. - 1959. - Вып. 70.-С.17-24
11.Литвинский, Б.А. Археологическое изучение Таджикистана советской наукой (Краткий очерк)/ Б.А.Литвинский//Тр. Института истории, археологии и этнографии АН ТаджССР, т.XXVI. – Сталинабад, 1954. – 120 с.
12. Маджи А.Е. Наскальные рисунки в горах Моголтау/ А.Е.Маджи//Изв. АН Тадж.ССР. Отд-ние обществ.наук. -1957. - №14. – С.79-86.
13.Марофиев, С.Ш. К истории создания культурно-просветительных учреждений города Ходжента//Сборник научных статей молодых учёных и аспирантов ЛГПИ им. С.М.Кирова, №40, вып.2. – Ленинабад, 1971. – С.42-49.
14.Марофиев, С.Ш. Участие Ленинабадского областного музея в историко-краеведческих исследованиях Северного Таджикистана//МКТ. – Вып.4. – Душанбе, 1987. – С.320-326
15.Массон, М.Е. Из истории горной промышленности Таджикистана //Труды Таджикско-Памирской экспедиции в 1933 г., вып.XX. – Л., 1934.-105 с.
16.Рахимов, Н.Т. Из истории материальной культуры Таджикистана. Замок Каппатепа/Н.Т.Рахимов. – Худжанд, 2001.-142 с.
17. Сорокин, С.С. К вопросу о гуннах в Средней Азии/С.С.Сорокин//Вестник ЛГУ. - №11. – 1948. – С.46-54
18.Хайдаров, Г.Х. К истории музея/Г.Х.Хайдаров//Ленинабадский межрайонный историко-краеведческий музей. Краткий путеводитель по залам. – Ленинабад, 1962.-110 с.
19. Хамидов, Д.Х. Уэльс/ Хамидов, Д.Х. Краевед А.В. – Худжанд, 1998. – 46 с.
20. Хамидов, Д. Из истории музейного дела в Таджикистане (1917-1941 гг.)/Д.Хамидов.– Худжанд, 2014.-22 с.
21. Уэльс, А.В. Краеведческий музей Северного Таджикистана/А.В.Уэльс//Советский музей. – 1936. - №5 –С.25-27.


**REFERENCES:**


1.Archaeological expeditions. - M., 1962. – 320 p.
2.State archive of Sughd region, f.82, ch.1, v.p.3, lists 127-129.
3.State National Archive of the Republic of Tajikistan. F.360, ch.2, p.64, в.28.
4 State National Archive of the Republic of Tajikistan. F.360, p.1, п.261, в.120.
5.Archive of the Historical Museum of the Sughd Region. Reports for 1936.
6. Davidovich E.A., Litvinsky B.A. Archaeological essay of the Isfara region //Tr. Academy of Sciences of the Taj.SSR. IIAE. T.35. - Stalinabad, 1955. - 231 p.
7.Dubovitsky V.V. Andrey Evlampievich Madzhi. Half a century of scientific research in Central Asia. – Dushanbe, 2018. – 216 p.

8.Latynin B.A. Questions of the chronology of agricultural cultures of ancient Ferghana // Researches in archeology of the USSR. - L., 1961. - P. 111-119.
9. Latynin B.A. Some results of the work of the Fergana expedition in 1934 // Archaeological collection. - 1961. - No. 3. - P. 109-170.
10.Latynin B.A., Oboldueva T.G. Isfara burial mounds: (On the question of the economic system of ancient Fergana) // KSIIMK. - 1959. - Issue. 70.
11.Litvinsky B.A. Archaeological study of Tajikistan by Soviet science (Short essay)//Tr. Institute of History, Archeology and Ethnography of the Academy of Sciences of the TajSSR, p.XXVI. - Stalinabad, 1954. – 120 p.
12. Madzhi A.E. Rock paintings in the Mogoltau mountains//Bull. Academy of Sciences of the Taj.SSR. Department of social sciences. -1957. - No. 14. – P.79-86.
13.Marofiev S.Sh. On the history of the creation of cultural and educational institutions of Khujand city // Collection of scientific articles by young scientists and graduate students of the Leningrad State Pedagogical Institute named after S.M. Kirov, No. 40, issue 2. - Leninabad, 1971. - P.42-49.
14.Marofiev S.Sh. Participation of the Leninabad Regional Museum in the local history research of Northern Tajikistan//MKT. – Issue 4. - Dushanbe, 1987. - P.320-326
15.Masson M.E. From the history of the mining industry in Tajikistan // Proceedings of the Tajik-Pamir expedition in 1933, issue XX. - L., 1934.
16.Rakhimov N.T. From the history of material culture of Tajikistan. Kappatepa Castle. - Khujand, 2001. – 126 p.
17.Sorokin S.S. On the issue of the Huns in Central Asia // Bulletin of the Leningrad State University. - No. 11. - 1948. - P.46-54
18.Khaidarov G.Kh. To the history of the museum // Leninabad Interdistrict Museum of Local History. A short guide to the halls. - Leninabad, 1962.
19.Khamidov D.Kh. Wales / D.Kh. Khamidov, Kravaed A.V.- Khujand, 1998. - 46 p.
20.Khamidov D. From the History of Museum Affairs in Tajikistan (1917-1941). - Khujand, 2014.
21.Wales A.V. Regional Museum of Northern Tajikistan//Soviet Museum. - 1936. - No. 5. №5 –P.25-27.